ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБР 619:578+579
ТКБ 48:28.3+28.4 (тоҷик)
И-67

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИСВАЛИЕВ СИНО МИРЗОНАЗАРОВИЧ

ТАЪСИРИ *BACILLUS SUBTILIS* БА ЗОҲИРШАВИИ АКСУЛАМАЛИ ҒАЙРИХОСИ АЛЛЕРГИИ ТУБЕРКУЛИНӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ветеринарӣ

аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ)

ДУШАНБЕ -2026

Тадқиқот дар кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба н л Ш. Шоҳтемур иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Раҳматзода Наҳтулло Раҳмат -** доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Муқарризони расмӣ: **Саторов Саидбег -**доктори илмҳои тиб, профессор, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Назруллозода Сулаймон Ҳабиб - номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии АИКТ

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «10» июли соли 2026, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Нишонӣ: 734005, Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, 43, (992)37 2275192.

Бо рисола ва автореферат дар китобхонаи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар сомонаи интернетии www.instveterinari.tj, дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” _____с.2026 фиристода шудааст

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои Ҳасанов Ф. Д.

ветеринарӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Айни замон дар мавриди мубориза бо бемории сили ҳайвонот яке аз тадбирҳои асосии пешгирикунанда ва беҳдоштии он ташхиси ин беморӣ муҳим боқӣ мемонад. Дар мавриди ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор усули асосӣ, оммавӣ ва аз ҷониби умум қабулгардида санҷиши дохилипӯстӣ бо истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон ба шумор меравад. Яке аз муаммоҳои муҳим ҳангоми ташхиси бемории сил санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ, ва аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин ба шумор меравад.

Мубрамии ин муаммо сол ба сол боло меравад. Аз ҷумла, дар хоҷагиҳои мусоиди Тоҷикистон, назар ба хоҷагиҳои аз нигоҳи бемории сил мусоид, ба миқдори 3,5 маротиба бештар ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда зоҳир карда мешавад.

Зоҳиршавии оммавии аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин боиси забҳи миқдори зиёди ҳайвоноти солим гардида, талафоти зиёди иқтисодиро ба бор оварда, боиси шубҳа дар дурустии ташхис бо усули тасдиқгардида мегардад.

Айни замон дар эпизоотологияи бемории сил дар ҳудуди Тоҷикистон муаммои мубрам реактивнокии ғайрихоси чорвои калони шохдор боқӣ мемонад, ки боиси забҳи беасоси ҳайвонот ва талафоти калони иқтисодӣ гардида, таҳияи усулҳои ташхиси тафриқавиро тақозо менамояд.

Аз лаҳзаи сироятёбӣ то зоҳир гардидани аломатҳои нахустини клиникӣ метавонад якчанд моҳ ва ҳатто солҳо гузарад. Дар мавриди истифодаи усули ташхиси аллергӣ ҳодисаҳои зоҳир шудани ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда ба қайд гирифта мешавад, ки дар онҳо тасдиқи мавҷудияти беморӣ даст намедиҳад. Зоҳир шудани чунин аксуламалҳо ба туберкулин бо сенсибилизатсияи организм тавассути микобактерияҳои ғайрисилӣ шарҳ дода мешавад.

Дар вақтҳои охир дар адабиёти илмӣ иттилооте ба назар мерасад, ки муаллифон ба пайдо намудани ҳайвоноти зиёд бо «аксуламалҳои ғайрихос» дар мавриди тадқиқоти аллергиявӣ оид ба бемории сил ишора мекунанд. Ин аксуламалҳо дар ҳайвоноте, ки ба микобактериҳои ғайрисилӣ сироят ёфтаанд, ба қайд гирифта мешаванд.

Тавре ки тадқиқоти олимони Тоҷикистон К. И. Михайлова, Н. Ярбаев, А. Х. Ҳабибов, Д. М. Мирзоев, Н. Р. Ҳасанов, А. Шарипов, К. А. Одинаев; Х. И. Рачабов) нишон медиҳанд, микобактерияҳои ғайрисилӣ дар Тоҷикистон низ васеъ паҳн гаштаанд. [128, с. 14-19, 105, с. 41-42, 66, с.50, 109, с. 45-50, 118, с. 6, 82, с. 9-12, 89, с.21-22].

Н. Ярбаев ҳангоми гузаронидани тадқиқот оид ба бемории сили чорвои калони шохдор ба чунин хулоса меояд: «Манбаи микобактерияҳоро, пеш аз ҳама, дар тагандозҳо, хӯрокиҳо ва оби ошомиданӣ ҷустуҷӯ намудан зарур аст» [128, с. 14-19].

А. Х. Ҳабибов чунин ақида дорад: «Дар таҷрибаи васеи истеҳсолӣ самарабахшии маҷмӯи тестҳои тафриқавию ташхисӣ, ки санҷишро бо СХТ –

туберкулин ва ММҒ, инчунин эхиноаллерген дар бар мегирад, ба исбот расонда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки истифодаи маҷмӯии ин санҷишҳо ба пуррагӣ ошкор намудани ҳайвонот дар хоҷагиҳои мусоид ва боэътимодии тафриқасозии аксуламалҳои парааллергетикиро таъмин менамояд» [105, с. 41-42].

Д. М. Мирзоев) ишора мекунад: «Барои тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихос нисбат ба туберкулин дар чорвои калони шохдор санҷиши симултании палпебралӣ бо СХТ– туберкулин барои ширхӯрон бо вояи 10000 ВБ/0,2мл ва АММҒ бо вояи 1350 ВТ/0,2мл ё СХТ- туберкулин барои ширхӯрон ва парандагон бо вояи 5000 ВБ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст» [66, с.50].

Н. Р. Ҳасанов чунин ақида дорад: «Барои санҷиш туберкулингузаронии симултанӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро СХТ-и барои парандагон муқарраршуда дар муқоиса бо АММҒ соҳиби махсусият ва самарабахшии камтари ташхисӣ мебошад. Барои ин ӯ санҷиши фаврии симултаниро бо истифодаи СХТ–туберкулини барои ширхӯрон муқарраршударо бо вояи 10000 ВБ ва АММҒ бо вояи 1350 ВТ-ро пешниҳод менамояд» [109, с. 45-50].

А. Шарипов қайд мекунад: «Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда, хусусияти аксуламалҳои бодигармӣ нисбат ба туберкулин дар ҳашт хоҷагии оид ба бемории сил мусоиди шимоли Тоҷикистон муайян карда шуд. Муқаррар гардид, ки дар 62,5% ин хоҷагиҳо ҳассосияти ҳайвонот нисбат ба туберкулин аз панҷ намуди микобактерияҳои ғайрисилӣ ба вуҷуд меояд, ки дар муҳити атрофи макони зисти ҳайвонот паҳн шудаанд ва барои чорвои калон хатари эпизоотологӣ эҷод намекунанд» [118, с. 6].

К. А. Одинаев қайд мекунад: «Дар мавриди робитаи зич бо дигар намуди ҳайвонот, ҳангоми мавҷудияти манбаъ, мурғон бо *M. avium* сирояти меёбанд ва танҳо бо бемории сили намуди паранда гирифтор мешаванд. Дар мавриди якҷоя нигоҳубин намудани мурғони бо бемории сил гирифтор чорвои калони шохдори аз нигоҳи клиникӣ солим метавонад бо *M. avium* ҳассос гардонида шавад. Аз ин рӯ, ӯ чунин меҳисобад, ки барои санҷиши туберкулини симултанӣ истифодаи СХТ-туберкулини паранда ба мақсад мувофиқ аст» [82, с. 9-12].

Х.И. Рачабов чунин иброз намудааст: «Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳншавӣ ва таркиби намудии микобактерияҳои ғайрисилии аз ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондода бо аксуламалҳои ғайрихос омӯхта шудааст. Хусусиятҳои парвардагию морфологии намудҳои асосии микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки аз маводди биологии ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондода ҷудо карда шудааст, омӯхтаву тавсиф карда шудааст. Нақшаи шинохтани намудҳои микобактерияҳои зуд-зуд ҷудошаванда муносиб карда шудааст. Хусусиятҳои сенсибиликунандаи микобактерияҳои ғайрисилии зерин: *M. intracellularae, M. fortuitum, M. smegmatis, M. scrofulaceum* муқаррар карда шудааст» [89, с.21-22].

Бештар дар хоҷагиҳои оид ба бемории сил мусоид баъди забҳи ҳайвонот, ки аксуламали мусбии туберкулинӣ додаанд, барои бемории сил тағйироти амрозии хосро ошкор намесозанд (Schliesser, О. В. Мартма, А. С. Донченко, А. Х. Найманов, ва дигарон): «Ин ҳодисаҳоро одатан, дар мавриди аввал бо аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ, алоқаманд месозанд» [18, с.37-38; 62, с.35-38; 70, с.10-12; 182, с.555-564;]

Дар мавриди фарқ намудани бемории сили чорвои калони шохдор, ки аз микобактерияҳои ғайрисилӣ сироят ёфтаанд, диққати зиёд ба истифодаи санҷиши туберкулинии симултанӣ барои ширхӯрон ва аллергени маҷмӯӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) дода мешавад, ки дар амалияи ветеринарӣ барои тафриқа намудани аксуламали аллергенӣ оид ба туберкулин ба тариқи васеъ ба кор бурда шуда, санҷиши гурӯҳӣ ба шумор рафта, барои муайян намудани вазъи бемории сил дар хоҷагӣ имконияти самтёбандаро медиҳад.

Дар солҳои охир самти нави пешгирии бемориҳои сироятӣ бо ёрии пробиотикҳо, ки антагонисти як қатор барангезандаҳо, аз ҷумла микобактерияҳо ба ҳисоб мераванд, ташаккул ёфтааст ва рушди ин самт мубрам ба шумор меравад.

И.Т. Сатторов ва дигарон, А.И. Лазовская ва дигарон, А. Н. Панин: «Таъсири антагонистии пробиотикҳоро нисбат ба барангезандагони як қатор бемориҳои сироятӣ муқаррар карда, ҳамчунин тарзи баланд бардоштани фаъолнокии пробиотикҳо аз ҳайли бактерияҳои *Bacillus subtilis* нисбат ба микобактерияҳои иллатзои бемории сил пешниҳод шудааст» [58, с.25-27; 86, с.70; 90, с. 29-31]

Ба ғайр аз ин, дар солҳои охир дар ноҳияҳо ва хоҷагиҳои мусоиди ҷумҳурӣ муаммои аксуламалҳои пара- ва псевдоаллергӣ, ҳарчи бештар ошкор мегардад, ки он боиси дар подаи чорвои калони шохдор дар гардиш будани микобактерияҳои бо ном ғайрисилӣ ва дигар иллатзоҳо гардидаанд ва ҳамчунин боиси аксуламалҳои аллергӣ нисбат ба СХТ- туберкулин мешаванд.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Хусусиятҳои эпизоотологии туберкулези ҳайвони калони шохдор ва ташхиси он аз тарафи олимон дар хориҷи кишвар А.С. Донченко, А. Х. Найманов ва дигарон... ва дар Тоҷикистон Н. Ярбаев, А. Х. Ҳабибов, Д. М. Мирзоев, Н. Р. Раҳматзода, А. Шарипов, К. А. Одинаев, Х. И. Раҷабов омӯхта шудаанд. Лекин то имрӯз масъалаи дарёфти усулҳои самарабахши мубориза бо микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки ҳангоми ташхиси аллергенӣ бо туберкулин мусбат арзёбӣ карда мешавад, ҳалли худро пурра наёфтааст.

Робитаи тадқиқот бо барномаҳои (лоиҳаҳои) мавзуъҳои илмӣ. Тадқиқот дар доираи мавзуи илмии факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба «Омӯзиши таъсири микобактерияҳои ғайрисилӣ ва гелминтозҳо дар пайдоиши аксуламалҳои бодигармии туберкулинии чорвои калони шохдор» барои солҳои 2021-2025, инчунин «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021-2025», ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 тасдиқ шудаанд, амалӣ гардид.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

Мақсади тадқиқот: Муқаррар намудани сабабҳои аксуламалҳои аллергӣ ва пешниҳод намудани таъсири антагонистии ҳайлҳои *Bacillus subtilis* ба зоҳирёбии аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба СХТ- туберкулин.

Вазифаҳои тадқиқот:

1. Таҳлили вазъи эпизоотӣ ва эпидемӣ оид ба сили чорвои калони шохдор ва одамон дар Тоҷикистон ва моҳияти аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба СХТ-

туберкулин дар ташхиси ин сироятҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон;

2. Истифодаи санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси тафриқавии сили чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои мусоид;

3. Омӯзиши хусусиятҳои иллатзойӣ ва ҳассосгардонӣ (сенсибилизатсия)-и микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор;

4. Муайян намудани таъсири ҳайлҳои *Bacillus subtilis* ба зоҳир гардидани аксуламалҳои ғайрихоси аллергенӣ нисбат ба СХТ-туберкулин.

Объекти тадқиқот. Ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва кишоварзӣ, микобактерияи туберкулез, микобактерияҳои ғайрисилӣ, аллерген, B.subtilis, фаъолнокии зиддибактериявӣ.

Мавзуи тадқиқот аз омӯзиши вазъи эпизоотӣ дар хоҷагиҳои чорводории шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар байни ҳайвонот дар як маврид гузаронидани тадқиқоти аллергӣ, бактериологӣ ва тафриқавӣ бо мақсади муайян намудани намудҳои микобактерияҳо, инчунин пахш намудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ бо истифода аз бактерияи антагонист иборат мебошад.

Навгонии илмӣ. Таҳлили зоҳиршавии микобактериозҳо дар хоҷагиҳои мусоид пешниҳод шудааст. Арзиши ташхисии намунаи симултании туберкулинӣ бо СХТ- туберкулин барои ширхӯрон ва бо АММҒ омӯхта шуда, таркиб ва ҳайати намудии микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳрии Тоҷикистон паҳн шудаанд, муқаррар карда шудааст.

Таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериявии ҳайлҳои *Bacillus subtilis* нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шудааст.

Хусусиятҳои ҳассосгардонандаи (сенсабиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ: *M. phlei, M. smegmatis, M. fortuitum* омӯхта шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки бемории сили чорво дар шакли энзоотӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ вомехӯрад ва дар мусбат арзёбӣ шудани ташхиси бодигармии чорво нисбат ба туберкулин нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ калон аст. Ба ҳамин хотир, истифодаи штаммҳои *Bacillus subtilis* дар паст намудани фаъолнокии бактерияҳои ғайрисилӣ ва кам намудани миқдори ҳодисаҳои ғайрихоси бодигармӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда «Тавсияҳои методӣ оид ба ташхиси патологоанатомии чорвои калони шохдор», ки Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи №1, аз 07.07.2017) ба тасдиқ расондааст ва тавсияҳои методӣ оид ба гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон ва аллергени маҷмӯӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) таҳия шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот бо интишороти бешумор инъикос ёфтаанд ва ҳамчунин метавонанд ба сифати маводди методию таълимӣ барои аспирантону донишҷӯёни факултети тибби ветеринарӣ истифода бурда шаванд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот бо таҳияи «Дастурамал оид ба усули фаврии гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор», ки аз тарафи ХНДБ ВК ҶТ, соли 2017 тасдиқ карда шудааст, тарҳрезии патент оид ба «Тарзи ташхиси фаврии бемории сили чорвои калони шохдор», ки дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Тоҷикистон аз 05.11.соли 2025 ба қайд гирифта шудааст, инъикос гаштааст.

Маводди дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ ноилгардида метавонад барои омӯзиши аспирантону унвончӯён, докторантон (PhD) ва донишҷӯёни факултаҳои ветеринарӣ ва биологӣ истифода шаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

-дараҷаи паҳншавӣ ва динамикаи аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар хоҷагиҳои оид ба бемории сил мусоиди ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд;

-хусусиятҳои иллатзойӣ ва ҳассосгардонандаи (сенсибиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор муқаррар карда шудаанд;

-таъсири бактериостатикии ҳайлҳои *Bacillus subtilis* ба зоҳирёбии аксуламалҳои ғайрихоси бодигармӣ нисбат ба воридкунии СХТ- туберкулин барои ширхӯрон омӯхта, муайян карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо таҷрибаҳои зиёди озмоишгоҳию истеҳсолӣ, таҳлили омори ветеринарӣ, нашри натиҷаҳои тадқиқот дар маҷалаҳои тақризшаванда ва маводди конференсияҳо тасдиқ шудаанд. Хулоса ва дастурҳо дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бармеоянд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи илмии тадқиқот ба бандҳои 3.7 - ҷараёни эпизоотикӣ, масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии эпизоотологияи бемориҳои сироятӣ, бемориҳои нави сироятии ҳайвонот, бемориҳои умумие, ки ба одамон ва ҳайвонот мансубанд, усули тадқиқоти эпизоотологӣ, эпизоотологияи таҳлилӣ ва 3.8 - мониторинги эпизоотологӣ ва назорат, манбаи табии бемориҳои сироятии ҳайвонот, сироятҳои трансмиссивии ҳайвонҳо бо этиология гуногун, роҳҳо ва воситаҳои назорати паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ, татбиқи корҳои зиддиэпизоотикӣ ва пешгирикунанда, чорабиниҳои умумӣ ва махсус барои мубориза бурдан, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои сироятии ҳайвонот, ҷанбаъҳои давлатӣ ва байналмилалии эпизоотологии Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2.Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот. Таҳияи мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсия; гузаронидани санҷиши аллергенӣ бо истифодаи санҷиши симултанӣ; тадқиқоти бактериологии намунаҳои аз ҳайвоноти сироятёфта гирифташуда, ки ба туберкулин, аллергени маҷмуӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) ва намунаҳои объектҳои муҳити беруна вокуниш нишон медиҳанд; тадқиқи хусусиятҳои парвардагӣ–морфологӣ, биологии микобактерияҳо,

банақшагирӣ ва бевосита ба иҷро расондани тадқиқот ва таҳлили ҷамъбастии натиҷаҳои бадастоварда. Дар ниҳоят, тасвияи онҳо дар намуди мақолаҳои илмӣ ва асноди меъёриву техникӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба иҷро расонда шудаанд. Ҳиссаи саҳми муаллиф дар ҷамъоварӣ ва коркарди мавод 85%-ро ташкил медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти хусусӣ оид ба паҳншавӣ, вазъи эпизоотӣ ва эпидемӣ, мукаммалгардонии ташхиси тафриқавӣ, истифодаи пробиотикҳо барои фурӯ нишонидани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ ва таҳияи нақшаҳои самараноки ташхис ва чораҳои мубориза бо бемории сил дар байни ҳайвонот ва одамон дар раванди таълими фанҳои микробиология ва масуниятшиносии ветеринарӣ, эпизоотология ва бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур истифода мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқоти мазкур оид ба бемории сили чорвои калони шохдор дар бисёр нашрияҳо, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмӯаҳои конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор гардидаанд.

Ҳамзамон натиҷаҳои тадқиқот оид ба мавзуи диссертатсия дар чорабиниҳои зерин гузориш дода шудаанд:

- дар Шуроҳои факултети тибби ветеринарӣ тайи солҳои 2009, 2012, 2015, 2018, 2021, 2022;

- конференсияи илмии байналмилалӣ: «Мониторинги паҳншавӣ ва пешгирии бемориҳои бахусус хавфноки ҳайвоноту паранда» (Самарқанд, 2011);

- international Scientific Conference Veterinary Problems of Central Asia-Fool Security: The Use of Modern Ways of Diagnostics and Prophylaxis of Infectious Diseases of Animals. October 5-6, 2011, Dushanbe, Tajikistan;

- конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Инноватсия – асоси рушди хоҷагии деҳот» (Душанбе, 2014);

- конференсияҳои илмию амалии «Мушкилоти муосири пешгирӣ ва табобати бемориҳои ҳайвонот» (Душанбе, 2017);

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Методҳои муосири мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва инвазионии ҳайвонот», Душанбе,31 июли 2018;

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои босифат», Душанбе, 2019.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба мавзуи диссертатсия 20 мақола, аз он 5-то дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, ба нашр расонда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз 19 ҷадвал, 11 расм ва 10 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 191 манбаъро дар бар мегирад, ки 128-тои он бо забони русӣ ва 63-тоаш бо забони хориҷӣ мебошанд.

Сохтори рисоларо муқаддима, шарҳи адабиёт, мавод ва усули тадқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, феҳристи адабиёт ва замима ташкил медиҳад.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Тадқиқот дар давраи солҳои 2009-2022 дар кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва хоҷагиҳои мусоиди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба иҷро расонда шудааст.

Ташхис бобати мавҷудияти микобактериозҳо мутобиқи усулҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи «Дастурамал доир ба ташхиси туберкулёзи ҳайвонот» (2002) ва «Дастурамал доир ба гузаронидани санҷиши аллергии симултанӣ бо истифода аз туберкулин ва аллергени маҷмӯии микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) дар мавриди ташхиси бемории сили ҳайвонот» (1978) муқаррар карда шуд.

Дар мавриди гузоштани ташхиси якум санҷиши аллергении симултанӣ, яъне ба дохили пӯсти ҳайвонот дар як маврид ворид намудани ду аллерген: «Туберкулини тозакардашуда – СХТ барои ширхӯрон» ва «Аллергени хушки тозакардашудаи комплексии микобактерияҳои ғайрисилӣ – АММҒ» бо вояи 0,2 мл гузаронда шуда, фарқият дар шиддатнокии аксуламалҳои аллергенӣ муайян карда шуд.

Озмоишҳо дар 20 хукчаи баҳрӣ, 20 харгӯш ва 20 гӯсолаи синни 6-10-моҳа дар шароити ҷонвархонаи озмоишгоҳи микробиологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ва хоҷагии кооперативии ба номи Л. Муродови шаҳри Ҳисор гузаронида шуданд.

Хукчаҳои баҳрӣ ва харгӯшҳо ба 4 гурӯҳ (5-сарӣ) ҷудо карда шуда, ба зери пӯсташон бо вояи 1 мг сироят карда шуданд.

Гӯсолаҳо ба 4 гурӯҳ ҷудо карда шуда, ба зери пӯсташон бо вояи 5 мг бо анбӯҳи бактериявӣ нисбат ба 1 кг вазни зинда бо микобактерияҳои ғайрисилии зерин, ки дар шароити Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, сироят карда шуданд: микобактерияҳои ғайрисилии гурӯҳи 1 (5 сар) – *M. phlei*; гурӯҳи 2 (5 сар) - (*M. smegmatis*); гурӯҳи 3 (5 сар) - *M. fortuitum*; гурӯҳи 4 (5 сар) ба сифати назоратӣ хизмат намуданд.

Озмоиш 180 рӯз идома ёфт. Дар ин давра ба тариқи систематикӣ аз болои вазъи умумии клиникии ҳайвонот, иштиҳо, вазъи пардаҳои луобӣ ва гиреҳои лимфавӣ назорат бурда шуд.

Бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои сенсабиликунандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ тадқиқи аллергии гӯсолаҳо бо истифодаи СХТ-туберкулин ва АММҒ пас аз 21 рӯзи сирояткунӣ, сипас ҳармоҳа тадқиқи аллергӣ бурда шуд.

Забҳи ташхисии гӯсолаҳои дар зери таҷриба қарордошта, баъди 3 моҳ гузаронида шуд.

Тадқиқи патологоанатомии ҳайвонот тибқи методикаи аз ҷониби умум қабулшуда гузаронида шуд. Бо мақсади муайян намудани устувории микобактерияҳои ҷудонамуда нисбат ба таркибҳои пробиотикӣ, ҳассосияти доругии онҳо нисбат ба таркибҳои пробиотикии лаксубтил ва субтилбен («Тавсияҳои методӣ доир ба ташхиси туберкулёз», 2002) омӯхта шуд.

Дар тадқиқоти гузаронидашуда ба сифати моддаҳои таъсирбахш хайлҳои *Bac. subtilis* BS TJ 09 ва TJ D26 аз коллексияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур истифода бурда шуд.

Дар кор хусусиятҳои антагонистии лаксубтил дар шакли ҳаб дар асоси хайлҳои *Bac. subtilis* тибқи нақшаи зерин омӯхта шуд:

А) Лаксубтил ба гӯсолаҳо бо шир ба миқдори 6 ҳаб ё ба миқдори 0,4 г/кг вазни гӯсолаҳо (гурӯҳи 1-ум, n=20) як маротиба дар як рӯз нӯшонда, таркиб бо вояи 3 мл/м^3 як маротиба дар як рӯз, бо фосилаи 30 дақиқа ба муддати 10 рӯз, ба тариқи аэрозолӣ ворид карда шуд;

Б) Баъди гузаштани 60, 120, 180 ва 240 рӯзи баъди тадқиқи аллергиявӣ ба ҳар як ҳайвон додани лаксубтил бо ҳамон воя такрор карда шуд.


Методикаи озмоишҳои ҷудогона дар фаслҳои мутобиқи диссертатсия баён ёфтаанд.

Ба сифати хулоса ва тавсияҳои амалӣ, таҷрибаҳои назоратие, ки дар озмоишгоҳҳо ва шароитҳои истеҳсолӣ гузаронида шуданд, ҳамчун асос қарор дода шуданд.

НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Вазъи эпизоотӣ доир ба бемории сили чорвои калони шохдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили маълумотҳои омории Маркази ҷумҳуриявии зиддиэпизоотии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин интишороти дар дастбуда аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъи эпизоотӣ доир ба бемории сили чорвои калони шохдор дар солҳои охир дар Тоҷикистон беҳтар гардидааст.



Диаграммаи 1.- Саршумори ҳайвоноти тадқиқшудаи мусбат вокунишнишондода ба сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар давоми 14 сол (2009-2022) 2316110 сар чорвои калони шохдор аз муоина гузаронида шуд ва 432 сар ҳайвони ба туберкулин ба тарзи мусбат вокунишнишондода зоҳир карда шуд, ки 0,01%-ро ташкил медиҳад, ки дар диаграммаи 1 дарҷ гардидааст.

Таҳлили вазъи эпидемиологӣ оид ба бемории сили одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи таҳлили маълумотҳои Маркази ҷумҳуриявии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил дар давраи солҳои 2009-2022 ба бемории сил гирифторшавии

одамон зоҳир карда шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки гирифторшавӣ ба бемории сил сол ба сол зиёд мегардад, ки ин барои саломатии аҳолӣ хавфи ҷиддиро ба бор меорад. Сабаби зиёд гаштани шумораи ба беморӣ гирифторшавӣ риоя накардани қоидаҳои гигиенӣ дар байни одамон ва огоҳӣ надоштан доир ба коркарди маҳсулоти чорво ба шумор меравад, ки хавфи сироятёбиро ба бемории сил зиёд мекунад. Маълумотҳои оморӣ доир ба беморшавии одамон дар ҷумҳурӣ дар ҷадвали 1 пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 1. - Гирифторшавии одамон ба бемории сил дар давраи солҳои 2009-2022

Солҳои гузаронидани тадқиқот дар байни аҳолӣ	Дар ҷумҳурӣ		
	Шумораи одамони мусбат вокунишни-шондода	Фоизи сироятёбӣ нисбат ба 100000 аҳолии ҷумҳурӣ	Аз онҳо дар кӯдакони то 14-сола
2009	4789	77,04	274
2010	5391	71,69	413
2011	5516	72,42	485
2012	5064	63,96	311
2013	4893	61,27	322
2014	4573	56,03	259
2015	4528	52,97	387
2016	5241	61,31	374
2017	5231	58,56	346
2018	5102	56,06	334
2019	5159	47,7	399
2020	3759	35,3	236
2021	3787	39,84	229
2022	3925	39,25	252
Ҳамагӣ	**66958**		**4621**

Тавре ки аз ҷадвал аён мегардад, маълумотҳо доир ба сироятёбӣ дар 14 сол таҳлил карда шуданд ва аз онҳо фоизи сироятёбӣ нисбат 100000 аҳолии ҷумҳурӣ 66958 одамро ташкил дод, ки аз он 4621 нафар ба кӯдакони 14-сола рост меояд. Гирифторшавии нисбатан баланди одамон ба бемории сил дар соли 2009 ва камтарин дар соли 2020 мушоҳида мешавад, ки ин аз беҳтаршавии авзои эпидемии сили одамон дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Ташхиси тафриқавии аксуламали ғайрихоси туберкулинӣ дар чорвои калони шохдори хоҷагиҳои аз нигоҳи бемории сил мусоид


Дар солҳои охир аксуламалҳои ғайрихос ба туберкулин дар чорво аксаран бо ворид шудани микобактерияҳои ғайрисилӣ ба организм вобастаанд. Манбаъҳои илмӣ аз он далел медиҳанд, ки ҳассосияти ҳайвонот ба туберкулин на ҳама вақт аз сирояти ҳақиқии сил шаҳодат

медиҳад. Барои фарқгузорӣ байни аксуламалҳои силӣ ва ғайрисилӣ истифодаи аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) тавсия мешавад, ки он дар баробари СХТ-туберкулин дар ташхиси симултанӣ ба таври ҳамзамон ворид карда мешавад. Тадқиқотҳо дар хоҷагиҳои гуногуни ҷумҳурӣ нишон доданд, ки қисми зиёди вокунишҳои мусбат дар подаҳо (то 80,9%) бо микобактерияҳои ғайрисилӣ иртибот доранд, на бо бемории сил. Бо истифодаи санҷиши аллергии симултанӣ муайян карда шуд, ки танҳо 41%-и пода натиҷаи равшан ва боварибахш медиҳанд, дар ҳоле ки 59%-и ҳолатҳо номуайян боқӣ мемонанд, ки ин зарурати такмил ва идомаи тадқиқотҳои дифференсиалиро дар ҳайвонот тақозо мекунад.

Ҷадвали 2. - Нишондоди санҷиши симултанӣ бо СХТ -туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ дар чорвои калони шохдори аз бемории сил мусоид дар хоҷагии кооперативии ба номи Л.Муродови шаҳри Ҳисор

Биноҳои чорводорӣ	Нишондод	Натиҷаи баҳои аксуламалҳо		Натиҷаи баҳои боварибахшии фарқиятҳо
		+	-	
№ 1 352 (гов)	32	7	25	Номуайян
№ 2 147 (ҷавонаҳо)	28	8	20	Номуайян
Ҳамагӣ	60	15	45	Номуайян

Тибқи тадқиқоти мо, хоҷагии кооперативии ба номи Л. Муродови шаҳри Ҳисор аз нигоҳи бемории сили чорвои калони шохдор мусоид ҳисобида мешавад. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни санҷишҳои нақшавии даврӣ ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда ба қайд гирифта мешаванд, аммо ташхиси байторию беҳдоштӣ ва тадқиқоти озмоишгоҳӣ мавҷудияти бемории силро тасдиқ намекунад. Таҳлили натиҷаҳои яксолаи санҷишҳо нишон медиҳад, ки шумораи ҳайвоноти вокунишнишондода дар ҳар давраи тадқиқ тағйир меёбад, ки ин метавонад ба таъсири омилҳои ғайрисилӣ ва ҳолати гуногуни сенсибилизатсияи ҳайвонот вобаста бошад.



Расми 1. - Динамикаи зоҳиршавии ҳайвоноти ба туберкулин вокуниш нишондода дар хоҷагии мусоид (кооперативии ба номи Л. Муродови шаҳри Ҳисор).

Тавре аз маълумотҳо бармеояд, дар мавсими зимистон вокуниши ҳайвонот ба туберкулин дар хоҷагӣ хеле кам буда, то 1,2%-и саршуморро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки аз моҳи май то ноябр ин нишондод то ба 2,5–5,2% боло меравад. Натиҷаҳои муқоисавии санҷишҳои даврӣ нишон

медиҳанд, ки саршумори ҳайвоноти вокунишнишондода дар ҳар маврид тағйир ёфта меистад. Дар давоми сол панҷ маротиба санҷиши аллергӣ гузаронда шуда, шумораи вокунишнишондиҳӣ аз 9 то 28 сар тағйир ёфта меистад. Бисёре аз ҳайвонҳое, ки дар санҷиши аввал вокуниш нишон доданд, дар санҷиши такрории баъдӣ аксуламали аллергӣ надоштанд. Ҳангоми экспертизаи ветеринарӣ ягон нишонаҳои сил ошкор нашуд.

Барои муайян кардани сабаби вокунишҳо тадқиқоти иловагӣ дар хукчаҳои баҳрӣ ва гӯсолаҳо гузаронда шуд, ки сенсибилизатсия ба микобактерияҳои ғайрисилӣ метавонад то 30 рӯз давом кунад. Дар хоҷагӣ, ки аз нигоҳи сил мусоид арзёбӣ мешавад, тамоми чорво бо санҷиши симултанӣ (СХТ ва АММҒ) ду маротиба тадқиқ карда шуд.

Ҷадвали 3.-Натиҷаи омӯзиши муқоисавии санҷиши симултанӣ бо истифода аз СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ

Номгӯйи хоҷагиҳо	Саршумори умумӣ	Чорвои вокунишнишондода бо аломатҳо				Натиҷаи санҷиши симултанӣ
		Ҳамагӣ	(+)	(-)	(=)	
Кооперативи ба номи Л.Муродови шаҳри Ҳисор	730	36	14	16	6	Номуайян
Кооперативи истеҳсолии «Ватан»-и шаҳри Ҳисор	520	26	6	15	5	Хоҷагӣ аз нигоҳи бемории сил мусоид аст
Хоҷагии ҷамъиятии «Хоҷамӯъмин»-и ноҳияи Восеъ	760	42	11	21	10	Номуайян

Маълумотҳои ҷадвали 3 нишон медиҳанд, ки дар хоҷагиҳои ба номи Л. Муродов ва «Хоҷамӯъмин» натиҷаҳои санҷиши симултанӣ бо СХТ ва АММҒ номуайян буданд, дар ҳоле ки дар кооперативи «Ватан» аксуламалҳо бештар нисбат ба АММҒ ифода ёфта, хоҷагӣ нисбат ба сил мусбат арзёбӣ шуд. Ин натиҷаҳо собит месозанд, ки санҷиши симултанӣ дар хоҷагиҳои мусоид, ки сенсибилизатсия бо микобактерияҳои ғайрисилӣ доранд, арзиши баланди ташхисӣ ва қобилияти хуби тафриқабандӣ дорад.

Омӯзиши хусусиятҳои иллатангезӣ ва ҳассосгардонандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар хукчаҳои баҳрӣ

Барои омӯзиши хусусиятҳои иллатзоӣ ва сенсибилизатсияи микобактерияҳои ғайрисилии *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* 20 хукчаи баҳрӣ ба 4 гурӯҳи 5-тогӣ ҷудо карда шуданд. Гурӯҳҳо бо вояи 1 мг

ба зери пӯст сироят карда шуданд, гурӯҳи чорум назоратӣ буд. Пеш аз сирояткунӣ ҳамаи ҳайвонот бо СХТ-туберкулин санҷида шуданд. Аксуламалҳои аллергӣ нисбат ба СХТ ва АММҒ баъди 45 ва 90 рӯз ба ҳисоб гирифта шуда, аксуламали мусбӣ бо пайдоиши варам ва гиперемия муайян гардид. Натиҷаҳо дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 4. - Натиҷаи аксуламалҳои дохилипӯстӣ нисбат ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ дар хукчаҳои баҳрии бо микобактерияҳои ғайрисилӣ сироятёфта

Намуди микобактерия-ҳои ғайрисилӣ	Саршу-мори-чорво	Вояи сироят-кунӣ (мг)	Вокуниш нишон доданд			
			Баъди 45 рӯз		Баъди 90 рӯз	
			СХТ туберкулин барои ширхӯрон	АММҒ	СХТ туберкулин барои ширхӯрон	АММҒ
M.phlei	5	1	2	3	-	3
M.smegmatis	5	1	1	4	-	3
M.fortuitum	5	1	1	4	-	3
Назоратӣ	5	-	-	-	-	-

Аз ҷадвали 4 бармеояд, ки баъди 45 рӯзи сирояткунӣ хукчаҳои баҳрӣ ба микобактерияҳои *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* бештар ба АММҒ ва камтар ба СХТ-туберкулин вокуниш доданд. Пас аз 90 рӯз вокуниш ба СХТ пурра нест шуд, вале ҳамаи ҳайвоноти сироятёфта ба АММҒ ҷавоб доданд. Дар гурӯҳи назоратӣ ягон аксуламал ба қайд гирифта нашуд. Ҳангоми забҳкунӣ тағйироти амрозӣ мушоҳида нашуд, аммо дар давоми таҷриба калоншавии ғадудҳои лимфавӣ ва ҷудо шудани парвардаҳои микобактерияҳои ғайрисилӣ мушоҳида гардид. Хулоса: *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* сабаби сенсибилизатсияи хукчаҳои баҳрӣ, махсусан нисбат ба АММҒ мегарданд ва хусусияти иллатзоии возеҳ надоранд.

Омӯзиши хусусиятҳои иллатангезӣ ва ҳассосгардонандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар харгӯшҳо

Иллатзойии худи ҳамон парвардаҳои микобактерияҳои ғайрисилӣ дар харгӯшҳо, ки ба 4 гурӯҳ, дар се гурӯҳи таҷрибавӣ ба миқдори панҷтогӣ харгӯш ва дар гурӯҳи назоратӣ ба миқдори чор сар харгӯш ҷудо карда шуда буданд, тадқиқ карда шуд.

Гурӯҳи якуми харгӯшҳо бо парвардаи *M. phlei* бо вояҳои 1 мг, 0,1 мг ва 0,01 мг ба раги вариди канораи гӯш сироят карда шуданд.

Гурӯҳи дуюми харгӯшҳо бо парвардаи *M. smegmatis* бо вояҳои 1 мг, 0,1 мг ва 0,01 мг ба раги вариди канораи гӯш сироят карда шуданд.

Ба гурӯҳҳои сеюми харгӯшҳо бо парвардаи *M. fortuitum* бо ҳамон воя сироят карда шуданд. Гурӯҳи чорум ба сифати назоратӣ боқӣ гузошта шуд.

Харгӯшҳо ба тарзи алоҳида ба миқдори панҷтогӣ дар катакҳо нигоҳдорӣ шуданд.

Вазъи аллергии харгӯшҳо бо СХТ туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ пеш аз сирояткунӣ ва баъди 30, 60, 90 рӯзи сирояткунӣ санҷида шуд. Аксуламал баъди 48 ва 72 соати воридкунии туберкулинҳо ба ҳисоб гирифта шуд.

Баъди 40 рӯзи сирояткунӣ аз гурӯҳи сеюм як харгӯше, ки бо *M. fortuitum,* бо вояи 0,01 мг сироят карда шуда буд, фавтид ва ҳангоми ҷасадкушоӣ дар он тағйирот ба қайд гирифта нашуд .

Баъди 78 рӯзи пас аз сирояткунӣ аз гурӯҳи якум як харгӯше, ки бо *M. phlei* бо вояи 1,0 мг ва пас аз 85 рӯз харгӯши дигар, ки бо *M.smegmatis* бо вояи 1,0 мг сироят карда шуда буданд, фавтиданд. Дар харгӯшҳои мазкур бронхопневмонияи назлавии қисми болоии шушҳо ва манбаъҳои сафеди хокистарӣ дар ҷигар, испурч ва шушҳо бо ҳаҷми нӯги сӯзан зоҳир карда шуд.

Дар рӯзи 30-уми баъди сирояткунӣ дар мавриди санҷиши харгӯшҳо бо СХТ туберкулини барои ширхӯрон ва АММҒ аз ҳамаи гурӯҳҳои сирояткарда 5 харгӯш танҳо ба АММҒ вокуниш нишон доданд. Аз онҳо чор харгӯш ба гурӯҳи бо *M. phlei* сирояткарда ва сето аз гурӯҳҳои бо *M. smegmatis* ва *M. fortuitum* сирояткарда тааллуқ доштанд. Дар гурӯҳи сеюм, яъне харгӯшҳои назоратӣ ба туберкулин вокуниш нишон надоданд.

Дар рӯзи 60-уми баъди сирояткунӣ аз гурӯҳҳои бо *M. phlei* сирояткарда 5 харгӯш вокуниш нишон доданд, ки 4-тои онҳо ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон вокуниш нишон доданд.

Аз гурӯҳҳои бо *M. smegmatis* сирояткарда панҷ харгӯш: 2-то ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон ва 3-то ба АММҒ вокуниш нишон доданд.

Аз гурӯҳҳои харгӯшони бо *M. fortuitum* сирояткарда чор харгӯш, аз онҳо 2-то ба АММҒ ва 2-то СХТ туберкулин барои ширхӯрон вокуниш нишон доданд.

Қайд кардан зарур аст, ки харгӯшоне, ки баъди 30 рӯзи тадқиқ вокуниш нишон доданд, ҳамчунин баъди 60 рӯзи тадқиқ боз ҳам вокуниш нишон доданд.

Баъди 90 рӯзи пас аз сиротякунӣ нисбат ба туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда ба миқдори яктогӣ аз гурӯҳҳои якум, дуюм ва сеюм, ки бо *M. phlei* сироят карда шуда буданд ва дутогӣ аз гурӯҳҳое, ки бо *M.smegmatis* ва *M.fortuitum* вояи 0,1 мг сироят карда шуда буданд, вокуниш нишон доданд. Ба АММҒ шаш харгӯше, ки аз гурӯҳи бо *M. phlei* сироят карда шуда буданд, вокуниш нишон доданд.

Аксуламалҳо нисбат ба АММҒ, дар муқоиса бо аксуламалҳо нисбат ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон, бараъло ифоданоктар буданд.

Натиҷаи тадқиқии аллергии харгӯшон дар ҷадвали 5 пешниҳод шудааст.

Тавре ки аз ҷадвали 5 бармеояд, ҳангоми тадқиқи аллергии харгӯшҳо баъди 30 рӯзи сирояткунии харгӯшони ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда ба тариқи мусбӣ вокунишнишондиҳанда зоҳир карда нашуд, 5 сар харгӯш бошад, ба АММҒ вокуниш нишон доданд.

Дар рӯзи 60-уми тадқиқ аз 10 харгӯши ҳар як гурӯҳи сирояткарда ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда дутогӣ харгӯш вокуниш нишон доданд. Ба АММҒ аз 10 харгӯши бо *M. phlei* сирояткарда – 4-то, аз 10 харгӯши бо *M. smegmatis* сирояткарда – 3-то ва аз 10 харгӯши бо *M. fortuitum* сирояткарда – 2-то вокуниш нишон доданд.

Дар рӯзи 60-уми тадқиқот харгӯшҳо ба АММҒ назар ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда, ду маротиба бештар вокуниш нишон доданд.

Ҳамин тавр, дар мавриди сенсибилизатсияшавӣ нисбат ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон ва нисбат ба АММҒ на ҳамаи харгӯшони сирояткарда мусбат вокуниш нишон доданд. Аксуламалҳои возеҳтар назар ба СХТ- туберкулин нисбат ба АММҒ бештар ба назар расид.

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки ҷавобҳои аллергии харгӯшҳо ба микобактерияҳои ғайрисилӣ на танҳо аз навъи штамм, балки ҳамчунин аз миқдори вояи сирояткунанда вобастагӣ доранд. Ҳангоми сироят бо вояи калонтар (1,0 мг), аксуламалҳо ҳам зудтар ва ҳам пурзӯртар ба мушоҳида мерасиданд, дар ҳоле ки вояҳои хурд бештар ҷавобҳои суст ё хеле дермонда ба вуҷуд меоварданд. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки системаи муҳофизатии ҳайвонот ҳангоми тамос бо вояи зиёдтари антиген зудтар фаъол гашта, ба туберкулин ва АММҒ посухи намоён медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми баҳодиҳии ҳолати аллергии ҳайвонот бояд хусусиятҳои воягӣ низ ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо метавонанд ба натиҷаи умумии ташхис таъсири ҷиддӣ расонанд. Илова бар ин, таҷрибаҳои гузаронидашуда бори дигар собит намуданд, ки сенсибилизатсияи бавуҷудомада дорои давомнокии тӯлонӣ буда, метавонад дар муддати зиёда аз 90 рӯз устувор боқӣ монад.

Ҷадвали 5. - Натиҷаи тадқиқи аллергии харгӯшон дар рӯзҳои 30, 60 ва 90-ум

Намуди микобактерияҳо	Саршумори чорво	Вояи сирояткунӣ (мг)	Аксуламалҳои мусбат ба туберкулин					
			Ба СХТ- туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда			ММҒ		
			дар рӯзи 30-юм	дар рӯзи 60-ум	дар рӯзи 90-ум	дар рӯзи 30-юм	дар рӯзи 60-ум	дар рӯзи 90-ум
M.phlei	5	1	-	-	1	2	2	3
-«-	5	0,1	-	2	1	2	2	2
-«-	5	0,01	-	-	1	-	-	1
M.smegmatis	5	1	-	1	-	2	1	3
-«-	5	0,1	-	1	2	1	2	1
-«-	5	0,01	-	-	-	-	-	-
M.fortuitum	5	1	-	2	-	2	-	3
-«-	5	0,1	-	-	2	1	2	1
-«-	5	0,01	-	-	-	-	-	-
Назоратӣ	4		-	-	-	-	-	-

Ҳамин тавр, сенсибилизатсияшавӣ нисбат ба СХТ-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ дар харгӯшони бо парвардаҳои *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* сироятёфта дар рӯзҳои пас аз 30, 60 ва 90-уми сирояткунӣ ба қайд гирифта шуд, аммо на ҳамаи онҳо ҷавоби мусбат нишон доданд. Аксуламалҳо бештар нисбат ба ММҒ равшан зоҳир гардиданд.

Дар ҷасадкушоии харгӯшони забҳшуда тағйироти амрозии хоси бемории сил ошкор нашуд. Ин парвардаҳои микобактерияҳои ғайрисилӣ барои харгӯшон иллатзо набуда, дар ду ҳолати фавт сабаби марг бронхопневмонияи назлавӣ муайян гардид.

Омӯзиши хусусиятҳои иллатангезӣ ва ҳассосгардонандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар гӯсолаҳо

Иллатзоии парвардаҳои *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* дар 20 гӯсола, ки бо тавассути хӯронидан сироят карда шуданд, тадқиқ карда шуд. Вояи ҳар як парварда 3 мг-ро нисбат ба 1 кг вазни зиндаи ҳайвон ташкил дод. Гӯсолаҳо 3 маротиба бо фосилаи 5-7 рӯз сироят карда шуданд.

То гузаронидани таҷриба ҳамаи ҳайвонот бо СХТ туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ бо намунаи дохилипӯстӣ санҷида шуданд. Аксуламал нисбат ба воридсозии туберкулин барои ММҒ манфӣ буда, гӯсолаҳо солим ба назар расиданд.

Гӯсолаҳо ба 4 гурӯҳ, ба миқдори панҷтогӣ дар ҳар гурӯҳ тақсим карда шуданд. Онҳо дар боксҳои алоҳида, ки махсус барои таҷриба сохта шуда буданд, нигоҳдорӣ шуданд. Гурӯҳи якум ба миқдори 5-сарӣ таҳти рақамҳои

1, 2, 3, 4 ва 5 бо *M. phlei* сироят карда шуданд. Гурӯҳи дуюм таҳти рақамҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 бо парвардаи *M. smegmatis* сироят карда шуданд. Гурӯҳи сеюми гӯсолаҳо таҳти рақамҳои 11, 12, 13, 14 ва 15 бо парвардаи *M. fortuitum* сироят карда шуданд. Гурӯҳи чоруми гӯсолаҳо таҳти рақамҳои 16, 17, 18,19 ва 20 ба сифати назоратӣ боқӣ гузошта шуда, сироят карда нашуданд ва аз гурӯҳҳои сироятӣ алоҳида нигоҳдорӣ шуданд. Ба сифати тагандоз барои гӯсолаҳо аррамайда истифода бурда шуд.

Гӯсолаҳои ба тариқи озмоишӣ сироятнамуда ва назоратиро бо СХТ туберкулин ва АММҒ баъди рӯзҳои 30, 60, 90 ва 120-уми пас аз хӯронидани микобактерияҳо тадқиқ намудем.

Натиҷаи тадқиқи аллергии гӯсолаҳо, ки бо микобактерияҳои *M. phlei, M. smegmatis* ва *M. fortuitum* сироят карда буданд, дар ҷадвали 6 оварда шудааст. Аз ҷадвал бармеояд, ки баъди 30 рӯзи пас аз сирояткунӣ нисбат ба СХТ туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда ва АММҒ дар ҳамаи гурӯҳҳои таҷрибавӣ натиҷааш манфӣ буд. Баъди 60 рӯзи хӯронидани микобактерияҳо дар мавриди тадқиқи аллергии гӯсолаҳо нисбат ба СХТ-туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда дар як гӯсола, ки бо *M. phlei* сироят карда шуда буд, аксуламал мусбӣ ба назар расид, дар гӯсолаҳои боқимонда аксуламал манфӣ буд; нисбат ба АММҒ дар гурӯҳе, ки бо *M. phlei* сироят карда шуда буданд, 3 гӯсола ва дар гурӯҳҳое, ки бо *M. smegmatis* ва *M. fortuitum* сироят карда шуда буданд, 4 гӯсола вокуниш нишон доданд. Аз ҳар гурӯҳе, ки нисбат ба АММҒ мусбат вокуниш нишонд доданд, яктогӣ гӯсола забҳ карда шуд.

Ҷадвали 6. - Натиҷаи тадқиқи аллергении гӯсолаҳои бо микобактерияҳои ғайрисилӣ сирояткарда

Т/р	Намуди микобак-терияҳо	Саршумо-ри чорво	Вокуниш нишон доданд ба:		
			СХТ туберкулин барои ширхӯрон	АММҒ	ҳар ду туберкулин
			Саршумо-ри вокуниш нишондод а	Саршумори вокуниш Нишондода	Саршумори вокуниш Нишондода
Баъди 30 рӯз					
1.	M.phlei	5	-	-	-
2.	M.smegmat	5	-	-	-
3.	M.fortuitu	5	-	-	-
4.	Назоратӣ	5	-	-	-
Баъди 60 рӯз					
1.	M.phlei	5	1	3	-

2.	M.smegmat	5	-	4	-
3.	M.fortuitu	5	-	4	-
4.	Назоратӣ	5	-	-	-
Баъди 90 рӯз					
1.	M.phlei	5	1	3	-
2.	M.smegmat	5	2	3	-
3.	M.fortuitu	5	-	5	-
4.	Назоратӣ	5	-	-	-
Баъди 120 рӯз					
1	M.phlei	5	-	4	-
2.	M.smegmat	5	-	4	-
3	M.fortuitu	5	-	4	-
4	Назоратӣ	5	-	-	-

Дар гӯсолаҳои нисбат ба АММҒ мусбат вокунишнишондода дар гиреҳҳои лимфавӣ тағйирот дарёфт нашуд. Дар мавриди тадқиқи бактериологӣ парвардаҳои микобактерияҳои ибтидоӣ ҷудо карда шуд.

Дар гурӯҳи якум баъди 90 рӯзи сирояткунӣ ба СХТ- туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда ҳамагӣ як гӯсола, нисбат ба АММҒ бошад, се гӯсола вокуниш нишон доданд. Дар як гӯсола, ки дар мавриди тадқиқ қаблан ба АММҒ вокуниш нишон дода буд, аксуламал аз байн рафт. Дар гурӯҳи дуюм баъди 90 рӯз 3 гӯсола ба АММҒ ба тариқи мусбат вокуниш нишон доданд; дар ду гӯсола нисбат ба СХТ-туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда аксуламали сустифодаёфта ба қайд гирифта шуд. Дар гурӯҳи сеюм ҳамаи 5 гӯсола ба АММҒ вокуниш нишон доданд. Дар ин маврид дар ду гӯсола аксуламалҳо, дар муқоиса бо аксуламалҳои дигар ҳайвонот нисбатан муқоисашаванда буданд.

Дар гурӯҳи назоратӣ як гӯсола баъди 90 рӯзи оғози таҷриба фавтид, ки дар он баъди ҷасадкушоӣ мавҷудиятии бронхопневмония муқаррар карда шуд. Дар гиреҳҳои лимфавии сар ва чини даруни шикамба тағйирот зоҳир карда нашуд. Дар мавриди тадқиқи микроскопии молишакҳо низ микобактерияҳо ҳамчунин зоҳир нагардиданд. Тадқиқи маводи бактериологии ин гӯсола манфӣ буд.

Баъди 120 рӯзи сирояткунӣ аксуламалҳо нисбат ба СХТ- туберкулин барои ширхӯрон дар гӯсолаҳо манфӣ буданд, вале дар ҳар як гурӯҳ, ба ғайр аз гурӯҳи назоратӣ нисбат ба АММҒ чортогӣ гӯсола вокуниш нишон доданд.

Аксуламалҳо нисбат ба СХТ туберкулини барои ширхӯрон муқарраршуда ва АММҒ бо варамии хамирамонанди ғизлатнок, мавҷуд набудани сарҳадоти дақиқ бо бофтаҳои атроф, дарднокӣ ва баланд рафтани

ҳарорати қитъаи илтиҳобӣ тавсиф ёфтанд. Дар ин маврид аксуламалҳо нисбат ба воридсозии СХТ -туберкулин барои ширхӯрон муқарраршуда, аз нигоҳи шиддатнокӣ назар ба АММҒ хеле камтар ифоданок буданд.

Гӯсолаҳо дар рӯзи 180-ум баъди сироятсозӣ забҳ карда шуданд ва ҳангоми ҷасадкушоӣ дар чор гӯсолаи гурӯҳи якум, ки бо *M. phlei* сироят карда шуда буданд, тағйироти силӣ дар узвҳо ва бофтаҳо зоҳир карда нашуд.

Дар гӯсолаҳои гурӯҳи назоратӣ, ки сироят карда нашуда буданд, чи дар гиреҳҳои лимфавӣ ва чи дар узвҳои дохилӣ тағйирот ҷой надошт.

Ҳангоми тадқиқи бактериоскопии молишакҳои гиреҳҳои лимфавӣ, ки тибқи нишондоди Сил-Нилсен ранг карда шуда буданд, дар ҳамаи гӯсолаҳо дар гиреҳҳои лимфавии чинҳои даруни шикам бактерияҳои ба кислота устувор зоҳир карда шуд.

Фаъолнокии бактерияи антагонист нисбат ба микобактерияи сил ва ғайрисилӣ

Таҷрибаҳои илмӣ дар озмоишгоҳи микробиологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (ДАТ) соли 2025 бо роҳбарии доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р. гузаронида шуданд.

Дар таҷриба изоляти микобактерияи сили ба инсон хос, ҳайли 36-^{o} ИМАББ, микобактерияи сили чорвои калони шохдор штамми 14-г ДАТ ва микобактерияи ғайрисилӣ – *M. avium-intracellulare* штамми 37-а ИМАББ истифода гардиданд. Ба сифати бактерияи антагонист - штаммҳои *Bacillus subtilis:* BS TJ 09 ва BS TJ 26 истифода карда шуд.

Парвариши штаммҳои *B. subtilis* ва микобактерияҳо дар ғизои муштараки маъданию казеинии агардор (ММКА), дар пиёбаи муштараки маъданию казеинӣ (ПММК) ва ғизои Левенштейн – Йенсен дар ҳарорати 37^{0} С гузаронида шуд.

Бо ин мақсад ба пробиркаи якум бо ПММК хокаи штамми *B subtilis* BS TJ 09 ба миқдори 0,05 г ва ба пробиркаи дуюм бо ПММК хокаи штамми *B subtilis* BS TJ 26 ба миқдори 0,05 г ҳамроҳ карда шуда, дар ҳарорати 37^{0}С ба муддати 24-36 соат нигоҳ дошта шуд. Баъди омӯзиши хосиятҳои тинкториалию морфологӣ, парвардаи штаммҳо дар ғизои ММКА (пробиркаҳои 3 ва 4 –ум) бозкишт карда шуд ва хосияти колонияи бактерияҳои антагонист дар ММКА омӯхта шуд.

Дар пробиркаи 5, 6 ва 7 бо ғизои Левенштейн – Йенсен штаммҳои микобактерияи одам (штамми 36-о), чорвои калони шохдор (штамми 14-г) ва микобактерияи ғайрисилӣ (штамм 37–а) бозкишт гардида, дар ҳарорати 37^{0} С ба муддати 30 рӯз нигоҳ дошта шуд. Хосиятҳои тинкториалию морфологӣ ва парвардагии онҳо бо усули рангкунии Сил - Нилсен баъд аз 20 рӯзи нигоҳдорӣ омӯхта шуд.

Барои омӯзиши хосияти антагонистии штаммҳои *B subtilis* ба пробиркаи якум бо ПММК штамми BS TJ 09 ба миқдори 0,5 млрд бактерия/мл ва микобактерияи штамми 36-о ба миқдори 0,5 млрд бактерия/мл ҳамроҳ карда шуд ва дар ҳарорати 37^{0} С дар муддати як моҳ дошта шуд. Бо чунин тартиб пробиркаи дуюм - штамми BS TJ 09 ва микобактерияи штамми 14-г, ба пробиркаи сеюм – штамми BS TJ 09 ва штамми микобактерияи ғайрисилӣ 37-а,


ба пробиркаи чорум - штамми BS TJ 26 ва микобактерияи штамми 36-о, ба пробиркаи панҷум - штамми BS TJ 26 ва микобактерияи штамми 14-г, ба пробиркаи шашум - штамми BS TJ 26 ва микобактерияи ғайрисилӣ ҳамроҳ карда шуда, дар ҳарорати 37^0 С дар муддати як моҳ дошта шуд.

Қобилияти зиддибактериявии *B. subtilis* нисбат ба микобактерияҳо баъди 1, 3, 5, 7, 9, 11, 13, 15, 17, 19, 21, 23, 25, 27 ва 30 рӯз дар молишакҳо баъди рангкунӣ бо усули Сил – Нилсен дар зери микроскоп омӯхта шуд. Ҳангоми микроскопия ба омӯзиши морфологияи бактерияҳо, ҷойгиршавии онҳо ва таносуби онҳо нисбат ба якдигар диққат дода шуд.

Дар натиҷаи омӯзиши парвардаи штаммҳои *B. subtilis* дар ПММК ва ММКА маълум карда шуд, ки он дар ин ғизоҳо афзоиши хуб дорад ва нишондоди гидрогенӣ (pH) то 5,8 -6,0 паст шуда, ба фаъолияти бактерия таъсир намерасонад. Бактерия дар ғизои ММКА колонияҳои пурчину махмалини сафедчаранги хокистармонандро (расми 2) ташкил намуд. Ҳангоми рангкунии молишакҳо бо усули Грам бактерияҳо граммусбати чӯбчашакл буданд ва андозаи онҳо 0,5 – 1,8 мкм ташкил дод. Онҳо дар молишакҳо дар шакли чӯбчаҳои танҳо, занҷири кӯтоҳ ва дароз ҷойгир шуда буданд (расми 3).

Бо мақсади омӯзиши қобилияти зиддибактериявии *B.subtilis* нисбат ба микобактерияҳо морфологияи он баъди рангкунӣ бо усули Сил – Нилсен низ омӯхта шуд. Қайд кардан лозим аст, ки дар зери микроскоп *B. subtilis* баъди рангкунӣ бо усули Сил – Нилсен ба чӯбчаҳои ягона ва занҷирмонанди кабутчаранг мубадал шуданд (расми 4).


Таҳлили марҳилавии ҳамзистии штаммҳои *Bacillus subtilis* бо микобактерияҳои хос ва ғайрихос нишон дод, ки бактерияҳои антагонистӣ на танҳо афзоиши мустақили устувор доранд, балки тавоноии тағйир додани муҳити парваришро низ соҳибанд. Дар шароити таҷрибавӣ паст гардидани pH ба сатҳи 5,8–6,0 ба назар мерасид, ки ин муҳит барои афзоиши микобактерияҳо чандон мусоид набуд, вале ба фаъолияти *Bacillus subtilis* таъсири манфӣ нарасонд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки яке аз механизмҳои асосии таъсири зиддибактериявии штаммҳои *B. subtilis* маҳз ташаккули муҳити ишқорӣ ва ё каме турш мебошад, ки ба афзоиши микобактерияҳои касалиовар халал мерасонад.




Расми 2. - Колонияҳои *B. subtilis* дар ғизои ММКА



Расми 3. - Морфологияи *B. subtilis* баъди рангкунӣ бо усули Грам



Расми 4. - Морфологияи *B. subtilis* баъди рангкуни бо усули Сил – Нилсен




Расми 5 - Афзоиши микобактерияҳои сили одамон дар ғизои Левенштейн – Йенсен

Ҳангоми рангкунии молишакҳои аз колонияҳои парвардаи штаммҳои микобактерия бо усули Сил - Нилсен чубчаҳои сурхчаи арғувонӣ мушоҳида гардид (расми 6).




Расми 6. - Морфологияи микобактерияи туберкулез баъди рангкунӣ бо усули Сил – Нилсен




Расми 7.- Афзоиши микобактерияи сили одам дар ғизои ПММК ва омили бандташкилкунии он (корд-фактор)

Қобилияти зиддимикробии *B. subtilis* нисбат ба микобактерияи сил дар ғизои ПММК омӯхта шуд. Маълум карда шуд, ки штаммҳои *B. subtilis* бо штаммҳои микобактерияи сил дар ғизо афзоиш ёфта, дар рӯзҳои 16-ум бо якдигар бештар наздик шуда, банд ташкил мекунанд (расми 8). Таҷрибаҳо нишон доданд, ки штаммҳои *B. subtilis* ба раванди бандташкилкунии микобактерияҳо халал расонида (Расми 8) ва ҳолатҳои пурра иҳота намудану аз афзоиш бозмондани штаммҳои микобактерияи бемории сил ба вуҷуд оварданд (расми 9). Маълум карда шуд, ҳардуи штамми *B. subtilis* нисбат ба штаммҳои микобактерияҳои бемории сили одам ва чорвои калони шохдор таъсири якхела дорад.



Расми 8. - Раванди маҳдудкунии *B. subtilis* омили бандташкилкунии микобактерияи сил (рангкунӣ бо усули Грам)



Расми 9.-Маҳдудияти афзоиши микобактерияи сил аз ҷониби *B. subtilis* (рангкунӣ бо усули Сил-Нилсен)

Натиҷаи таҷрибаҳо нишон доданд, ки боздории афзоиши штаммҳои микобактерияи ғайрисилӣ аз ҷониби *B. subtilis* нисбат ба микобактерияҳои сили одаму чорвои калони шохдор бештар мушоҳида гардид.

Тадқиқоти бактериологӣ собит менамояд, ки дар муҳити ғизое, ки микобактерия бо *B. subtilis* афзоиш меёбанд бактерияҳои антагонист маводи ғизоиро бештар истеъмол намуда, дастрасии микобактерияҳоро ба ғизо кам намуда, нишондоди гидрогениро (pH) то 5,8 паст менамояд, ки ба суст гардидани фаъолияти парвардагии микобактерияҳо оварда мерасонад. Аз дигар тараф *B. subtilis* бактериосин ҳосил намуда, афзоиши хоси микобактерияҳоро бозмедорад.

Натиҷаи таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ нишон медиҳад, ки бактерияи антагонист - *B. subtilis* дар якҷоягӣ бо микобактерияҳои сил ва микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ғизои пиёбаи муштараки маъданию казеинӣ афзоиш ёфта, хосиятҳои тинкториалию морфологии худро гум намекунанд ва бактерияи антагонист барои афзоиши микобактерия дар ташкили омили иллатангез – бандшакл шудани он монеа мешавад.

Ин натиҷа моро водор менамояд, ки барои бештар намудани қобилияти зиддимикробии бактерияҳои антагонист, штаммҳои фаъоли *B. subtilis*-ро дар ҳамгирой бо дигар микроорганизмҳои фоидабахш ҷустуҷӯ намоем, фаъолнокии онҳоро дар шакли симбиотик зидди микобактерияҳои сили ва ғайрисилӣ баланд гардонем.

Омӯзиши таъсири фурунишондиҳии таркибҳои пробиотикии лаксубтил ва субтилбен ба зоҳирёбии аксуламалҳои аллергии ғайрихоси туберкулин

Дар тадқиқоти мо таъсири бактериостатикии пробиотикҳои лаксубтил дар шакли ҳаб ва приобитики субтилбен дар шакли хока нисбат ба барангезандагони микобактерияҳои ғайрисилӣ омӯхта шуд.

Барои ба даст овардани таркиби лаксубтил дар шакли ҳаб суспензияи бактериалии аз хайлҳои *Bac. subtilis* (BS TJ 09 ва BS TJ Д 26) ҳосилшуда, ки ба муддати 48 соат дар шири гов парвариш карда шуда, бо усули тамосию сорбсионӣ дар омехтаи бентонитию пектиновӣ хушк карда шудааст, дар осиёбчаи сақочагин майда карда шуда, хокаи он аз ғирбол гузаронида шуд.

Дар мавриди тайёр намудани шаклҳои доругӣ аз маводи хокагин, ба ғайр аз омехтакунӣ ва сиканҷакунӣ, амалиёти резакунӣ, ғурӯшакунӣ ва ҳабсозӣ гузаронда шуд.

